**Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон**
**ҚАРОР**

Дар бораи ҳолатҳои истисноии истифодаи намаки йоднокнашуда дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

Мутобиқи моддаи 220 Кодекси тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор мекунад:

1. Дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон истифодаи намаки йоднокнашуда дар ҳолатҳои истисноии зерин иҷозат дода шавад:

- барои истифода аз ҷониби шахсоне, ки нисбат ба йодати калий, ки онро барои ғанигардонии намаки ошӣ истифода мебаранд, аксуламали ҳасосият доранд;
- барои истифодабарӣ ва тайёр намудани маводи фармасевтӣ ва молҳои тиббӣ;
- барои истифодабарӣ дар истеҳсолоти соҳаи кимиё ва саноати истихроҷи маъданҳои кӯҳӣ;
- барои истифода дар корҳои нигоҳдорӣ ва истифодабарии роҳҳо;
- барои истифода дар ҷараёни технологии саноати сабук;
- барои истифода дар ҷараёни технологии саноати нафт.

2. Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон якҷо бо вазорату идораҳои дахлдор мониторинги истеҳсол, содирот, нигоҳдорӣ ва истифодабарии намаки йоднокнашударо (барои истифода дар ҳолати истисноӣ) дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаронад.

Раиси
Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон
ш. Душанбе,
аз 26 феврали соли 2022, № 63